**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз руйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг**

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти осорхонаҳо ва осорхонашиносии тоҷик ба таври шоиста рушд намуд. Бунёд ва азнавсозии биноҳои наву замонавии осорхонаҳо дар шаҳру навоҳии кишвар мутобиқ ба талаботи замони муосир далели раднопазири гуфтаҳои болост. Барои рушди ин соҳа як қатор олимон ва мутахассисони соҳаи осорхонашиносӣ ба таҳқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолияти осорхонавӣ таваҷҷуҳ намуданд. Аз ин нуктаи назар, диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илми фарҳангшиносӣ – осорхонашиносӣ бахшида шудааст.

Рисолаи диссертатсионии Ҷалолов Б.Ф. аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳаҷми 179 саҳифа таълиф шудааст.

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг **комилан мувофиқат** мекунад.

Таносуби бобҳову сохтори диссертатсия чунин аст: Муқаддима – 10 саҳ.; боби I – 45 саҳ.; боби II – 93 саҳ.; хулоса – 4 саҳ. ва 12 банд; тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ – 1 саҳ., 4 банд; рӯйхати адабиёт – 17 саҳ., 186 адабиёт; нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия – 3 саҳ., 13 мақола.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқотро** муаллиф ба он асоснок намудааст, ки масоили экспозитсияи осорхона танҳо аз нигоҳи объекти мавзуъҳои матраҳшуда баррасӣ шуда, раванди ташаккулёбӣ ва тағйирпазирии фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо ҳамчун инъикосгари таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар даврони истиқлол, мавриди арзёбӣ қарор нагирифтааст. Маҳз бо дарназардошти ин масъала, омӯзиши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ хело **муҳим** мебошад. (диссертатсия, с. 4-5).

**Дараҷаи навгониҳои илмии таҳқиқ,** ки унвонҷӯ дар натиҷаи омӯзишу пажуҳиш ба даст овардааст аз 6 банд иборат буда, масоили зеринро дарбар мегиранд:

- Таълиф нагардидани рисолаи алоҳидаи илмӣ оид ба фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба риштаи таҳқиқ кашидани масъалаҳои назариявии экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ;
- муайян намудани муҳиммияти ороиши илмӣ-бадеии экспозитсияи осорхонавӣ аз нигоҳи тахассусӣ;
- роҳҳои асосии истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар фаъолияти экспозитсияи осорхонавӣ;
- муайян намудани танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона;
- аҳамияти баргузории намоишҳои гуногуни осорхонавӣ дар баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеа.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти экспозитсионии осорхона, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо ва роҳҳои таҷдиди фаъолияти экспозитсионӣ – намоишӣ асос ёфтааст. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқотӣ муайян шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот, метавонад ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи фарҳанги халқи тоҷик, таҳия ва навиштани барномаву китобҳо барои донишҷӯёни макотиби олии соҳаи осорхонашиносӣ мусоидат намоянд. Маводи диссертатсия метавонад дар банақшагирии бунёди осорхонаҳои наву замонавӣ, такмили толорҳои экспозитсионии осорхонаҳо, истифодаи дурусти технологияҳои муосир дар фаъолияти осорхонаҳо, инчунин ҷиҳати банамоишгузории нигораҳои осорхонавӣ кумаки илмӣ-амалӣ расонад.

Муаллиф доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 13 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз ин 5 шумора дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Муаллиф дар муқаддима роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмет) таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаи асосии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми

фарҳангшиносӣ ва дар самти фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳо аҳамияти махсуси илмӣ доранд.

Боби аввали рисола “**Экспозитсия ва аҳамияти он дар фаъолияти осорхонаҳо**” ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боби рисола муаллиф оид ба аҳамияти назариявии экспозитсияи осорхонавӣ, ороиши бадеӣ осорхона, истифодаи технологияи муосири коммуникатсионӣ дар фаъолияти осорхонавӣ ва зарурати танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар экспозитсияи осорхонавиро дар асоси сарчашмаҳои муҳимми илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Воқеан, ороиши бадеии экспозитсияи осорхонавӣ дар иниакос намудани беҳтарин арзишҳои фарҳангӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин рӯ, мафҳумҳо ва тарзи дурусти ороиши бадеии экспозитсияи осорхонавӣ дар рисолаи илмии Ҷалолов Беҳрӯз ба таври касбӣ таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Ҳамзамон, дар ин боби рисола нақши созмон додани экспозитсия дар осорхона ба таври касбӣ таҳлил гардида, роҳҳои асосии ташкили он ба таври дуруст ва возеҳ нишон дода шудааст. Хосатан, дар созмон додани экспозитсия яке аз муҳимтарин нуктаи назар ин рангпардозии толор ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, мутахассисонро мебояд, ки равшанидиҳии дурустро ба ҳар як ашёи осорхонавӣ ва экспонати дар намоиш гузошташуда ба таври касбӣ ба роҳ монанд. Дар диссертатсия унвонҷӯ масъалаҳои танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноиро тибқи меъёрҳо ва стандартҳои муайянгардидаи соҳаи осорхонашиносӣ ба таври дуруст муайян намудааст, ки ин омил метавонад мубрамияти кори диссертатсиониро афзояд (диссертатсия, с. 55).

Зеро, агар чунин меъёрҳои муайянгардида дар экспозитсияи осорхона ба таври касбӣ риоя нагардад, дар натиҷа аз байн рафтани экспонатҳои нодири таърихӣ имконпазир мегардад. Вобаста ба ин, дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои таъсири ифлосшавии ҳаво ва реҷаи биологӣ дар созмондодани экспозитсияи осорхонавӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Муаллифи диссертатсия дар таълифи ин қисмати боби рисола ба мақсади ниҳоии хеш расидааст.

Боби дуюми рисола **“Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ”** ном гирифтааст. Албатта, таъриху фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои миллии тоҷикон дар осорхонаҳо пеш аз ҳама тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ муаррифӣ мегарданд. Аз ин нуқтаи назар, унвони боби дуюми рисола бо маврид ва мақсаднок арзёбӣ мегардад. Дар ин қисмати кор муаллиф доир ба масъалаҳои экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон инъикосгари таърихи фарҳанги халқи тоҷик, муҳиммияти ташкили намоишҳои осорхонавӣ, намудҳои он ва таърихи баргузории намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, аҳамияти баргузории намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии (вертуалӣ) Осорхонаи миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Ҳамзамон, дар ин боби рисола муаллиф аз таърихи ташаккулёбӣ ва

рушди намоишҳои осорхонавӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон маълумоти муфассали илмӣ ва сарчашмавиро пешниҳод намудааст. Муҳиммияти ин қисмати кор дар он аст, ки муҳаққиқ роҷеъ ба вижагиҳои толорҳои экспозитсионии осорхона, ба монанди рангпардозӣ, равшанидиҳӣ, ҳаҷм ва андозаи толорҳо, мавқеи ҷойгиршавии экспонатҳо аз нигоҳи хроналогии таърихӣ ва дигар хусусиятҳои хоси экспозитсияи осорхонавиро ба таври касбӣ нишон додааст. Инчунин, муаллиф ҷиҳати аз байн бурдани камбудиҳои мавҷуда ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳо тавсияҳои муҳимми илмиро пешниҳод намудааст.

**Хулоса,** аз натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович бар меояд, ки ӯ тавонистааст яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти осорхонавӣ, яъне фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки дар муаррифии таъриху фарҳанги куҳанбунёди халқи тоҷик нақши муҳим ва калидӣ дорад, дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ анҷом диҳад. Диссертатсияи мазкур дар оянда метавонад барои кормандони осорхонаҳо ҳамчун роҳнамо ва дастури илмии соҳавӣ мавриди корбурд қарор гирад. Зеро дар диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз тамоми вижагиҳои фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонавӣ дар асоси манобеи муътамади илмӣ ва эҷодӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки рисолаи илмии Ҷалолов Беҳрӯз дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ доштанаш, инчунин аз камбудиҳо орӣ нест. Аз ин рӯ, ислоҳи камбудиҳои зерин дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар боби аввали диссертатсия, ки ба омӯзиши назариявии фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳо бахшида шудааст, бештар асару мақолаҳои илмии олимони хориҷӣ васеъ истифода шудаанд, вале осори муҳаққиқони ватанӣ аз назари муаллиф каме дур мондааст, ки бояд ба ин масъала таваҷҷуҳ кард.

2. Боби дуюми рисола “Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ” унвон гирифтааст, аммо дар ин қисмати кор масъалаи мазкур ба таври кофӣ муаррифӣ нагардидааст.

3. Дар матни таҳлилии муҳаққиқ зимни баррасии намоишҳои осорхонавӣ баъзан якрангӣ дида мешавад (диссертатсия саҳ. 117, 118, 120).

4. Дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе ғалатҳои ҷузъии имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд (диссертатсия саҳ. 32, 38, 52, 61, 64).

Вале бояд гуфт, ки норасоиҳои зикршуда арзиши таҳқиқоти анҷомшударо коҳиш намедиҳанд, зеро аксари онҳо ислоҳпазиранд ва ба музмуну муҳтавои диссертатсияву дастоварди илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда, дар фарҳангшиносӣ таҷрибаи аввалин буда, аҳамияти калони илмию назариявӣ дорад.

Дар умум, метавон гуфт, ки кори диссертатсионии номзадии Ҷалолов Беҳрӯз дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои таърих, сардори
бахши сифати таҳсилоти Муассисаи
давлатии “Коллеҷи ҷумҳуриявии
рассомии ба номи М.Олимов” Боймуродова З.Қ.
“13” майи соли 2024

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи А. Миралӣ, 36/1
Тел: (+992) 555-55-73-08
E-mail: zulola.boymurodiva@yandex.ru

Имзои Боймуродова Зулола Қаҳоровнаро
тасдиқ мекунам:
мудири бахши кадрҳои Муассисаи
давлатии “Коллеҷи ҷумҳуриявии
рассомии ба номи М.Олимов” Носирова М.Ғ.
“13”майи соли 2024

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, 54
Телефон: (+992 37) 221-37-42
E-mail: ellforell@mail.ru